| Гурӯҳи ихтисосҳои 1 (кластери 1) | Рамз | Нархномаи таҳсил, сомонӣ |
|---|---|---|
| Заминсозӣ | 1-560101 | 4800 |
| Геодезия | 1-560201 | 3250 |
| Мелиоратсия ва хоҷагии об | 1-740501 | 3300 |
| Таъмини техникии равандҳои истеҳсолоти кишоварзӣ | 1-740601 | 4050 |
| Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ – иқтисодиёт | 1-4901012501 | 4200 |
| Таъмини техникии равандҳои механиконӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ | 1-740602 | 3075 |
| Сохтмони гидротехникӣ | 1-70040101 | 4050 |
| Истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои обӣ | 1-70040304 | 3250 |
| Бехдошти замин ва менеҷменти хоҷагии об | 1-7405012602 | 4200 |
| Барқикунонии кишоварзӣ | 1-7406050102 | 5000 |
| Муҳандиси мошинсоз - менеҷмент | 1-7406013601 (2602) | 4200 |
| Таъминоти техникии равандҳои нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти чорводорӣ | 1-74060202 | 2500 |
| Таъмини техникии равандҳои нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоии растанӣ | 1-490101 | 2500 |
| География (низомҳои геоиттилоотӣ) | 1-31020103 | 3500 |
| Технологияи таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти ғизоӣ | 1-19030205 | 2500 |
| Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (дар комплекси аграрӣ-саноатӣ) | 1-54010106 | 2500 |
| Ташкил ва технологияи хизматрасонии техникӣ | 1-74060301 | 3500 |

| Гурӯҳи ихтисосҳои 2 (кластери 2) | Рамз | Нархномаи таҳсил, сомонӣ |
|---|---|---|
| Молия дар комплекси агросаноатӣ | 1-25010405 | 6000 |
| Иқтисодиёт ва идора дар комплекси агросаноатӣ | 1-25010715 | 4800 |
| Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар комплекси агросаноатӣ | 1-25010809 | 6000 |
| Менеҷменти истеҳсолӣ | 1-26020207 | 4800 |
| Маркетинг дар комплекси агросаноатӣ | 1-26020309 | 3250 |
| Ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | 1-740131 | 2500 |
| Тиҷорат дар комплекси агросаноатӣ | 1-25011017 | 4800 |

| Гурӯҳи ихтисосҳои 5 (кластери 5) | Рамз | Нархномаи таҳсил, сомонӣ |
|---|---|---|
| Экологияи кишоварзӣ (агроэкология) | 1-330106 | 2550 |
| Тибби байторӣ-фарматсевт | 1-740372 | 3500 |
| Агрономӣ | 1-740201 | 2500 |
| Ҳифзи растаниҳо ва карантин | 1-740203 | 2500 |
| Меваю сабзавотпарварӣ | 1-740204 | 2500 |
| Агрокимиё ва хокшиносӣ | 1-740205 | 2500 |
| Зоотехния | 1-740301 | 2500 |
| Технологияи парвариши моҳӣ | 1-740303 | 2500 |
| Селексия ва тухмипарварии зироатҳо | 1-740202 | 2500 |
| Паррандапарварӣ | 1-74030103 | 2500 |
| Занбӯри асалпарварӣ | 1-74030107 | 2500 |
| Пиллапарварӣ | 1-310500 | 2500 |
| Тибби байторӣ | 1-740302 | 3300 |
| Илми ҷангалпарварӣ ва ҷангалпарварӣ | 1-75010101 | 2500 |
| Агрономӣ - менеҷмент | 1-7402012602 | 4200 |
| Агроном боғпарвар - иқтисодиёт | 1-7402042501 | 4200 |
| Зоотехнология - менеҷмент | 1-7403012602 | 4200 |
| Бунёди боғу истироҳатгоҳҳо | 1-750201 | 2500 |
| Бехдошт ва озмоиши ветеринарӣ | 1-740304 | 2500 |

**Кафедраи ҳарбӣ** яке аз аввалин кафедраҳои донишгоҳ мебошад, ки дар тайёр намудани мутахассисони ҷавон саҳми хешро мегузорад. Илова ба ихтисос, донишҷӯёни ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур касби муҳофизи Ватан, афсари эҳтиётии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб мешаванд. Тайёрии ҳарбии донишҷӯён дар кафедра аз рӯи барномаи нави таълимӣ ва бо тахассусҳои нав ба роҳ монда шудааст.






Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ 146
Тел./Факс: +992 37 224 72 07
E-mail: rectortau31@mail.ru
www.tajagroun.tj


# ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР



## Довталабони гиромӣ!

Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур яке аз муассисаҳои олии касбии кишоварзӣ ва иқтисодию техникӣ аст, ки шароити хуби таълимию илмиро бароятон муҳайё месозад.

***Марҳамат, ба ин даргоҳи илму ҳунар!***

**Ҳангоми интихоби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Маркази миллии тестӣ рақами**

**103 - ро**

**дар ҷойи аввал гузоред!**

**Душанбе 2017**

Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур яке аз аввалин мактаби олии ҷумҳурӣ буда, соли 1931 ташкил шудааст. Барои абадӣ гардонидани хотираи фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Шириншоҳ Шоҳтемур, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2009 тахти №603 дар бораи ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон гузоштани номи ин қаҳрамон қарор қабул кард.

Донишгоҳ дорои Шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ ва Иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ (серияи ИА №0000267) №228 аз 18.03.2014 то 18.03.2019 мебошад.

Таълим дар донишгоҳ бисёрзинагӣ мебошад. Дар 9 факултет айни замон 7690 донишҷӯ аз рӯи 43 ихтисос ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки 7-тои он ҳамгиро мебошанд (ихтисосҳо соли 2011 ҷорӣ гардиданд, ин хатмкунандагон якбора соҳиби 2 тахассус мешаванд).

Дар 49 кафедраи (38 кафедраи тахассусӣ ва 11 кафедраи умумидонишгоҳӣ) донишгоҳ 482 нафар омӯзгор, аз ҷумла 6 нафар академик ва 5 узви вобастаи АИКТ, 50 доктори илм, 61 профессор ва 123 нафар номзади илм, бо қимонда омӯзгорони беунвон барои пешбурди фаъолияти таълимию методӣ ҷалб шудаанд. Дар кафедраи ҳарбӣ, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мебошад, афсарони эҳтиётӣ тайёр карда мешаванд.

Барои босифат гузаштани машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ 12 бинои таълимӣ, 204 синфхона, 69 озмоишгоҳи таълимию илмӣ, 23 озмоишгоҳи илмӣ-таълимӣ ва 15 маркази компютерӣ, 3 маркази интернетӣ, 2 хоҷагии таълимӣ-таҷрибавӣ дар шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Ёвон, Институти илмӣ-тадқиқотии биотехнологӣ, Маркази такмили ихтисоси мутахассисони маҷмааи агросаноатӣ, майдон ва толори варзишӣ, толорҳои бархавои фарҳангӣ, осорхона, китобхона, хобгоҳҳо, дармонгоҳ, боғи намунавӣ мавҷуданд. Масоҳати таълимии донишгоҳ зиёда аз 90 000 м$^2$-ро ташкил дода, барои таҳсилоти 6376 донишҷӯ дар як баст ҷойи нишаст муҳайё карда шудааст.

Барои муваффақияти шоён дар таъмини сифат ва афзалият донишгоҳ соли 2003 бо ҷоизаи байналмилалии "ЭРАИ СИФАТ" мукофотонида шуд. Донишгоҳ аъзои шабакаи Донишгоҳҳои Евроосиё, Атлантика ва алянси муассисаҳои олии касбии Хитой ва Осиёи Марказӣ мебошад.

Донишгоҳ бо 94 муассисаи олии касбии 20 мамлакат ва 16 ташкилоти бонуфузи хориҷӣ доир ба тайёр намудани мутахассисон, олимони ҷавон, мубодилаи омӯзгорону донишҷӯён созишномаҳои ҳамкорӣ дорад.

Ҳамасола зиёда аз 30 нафар устоди донишгоҳ ва зиёда аз 50 нафар донишҷӯ дар 20 мамлакати хориҷӣ, қитъаҳои Аврупою Осиё коромӯзӣ ва бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва таба дули таълимӣ мегузаранд.

Донишгоҳ дорои ҳама шароити таҳсил буда, мустақилияти донишҷӯён таъмин карда шудааст ва онҳо дар рӯҳияи омӯзиши арзишҳои умумибашарӣ, азхуд намудани забонҳои сернуфузи хориҷӣ ва ифтихор аз ватану забон тарбия меёбанд.

Донишгоҳ мутахассисонро дар доираи гурӯҳи ихтисосҳо (кластер) 1,2 ва 5-ум омода менамояд. Рамзи тартибии ДАТ ба номи Ш. Шохтемур дар ММТ №103 мебошад.

**Марҳамат ба ин маркази таълиму илм ва фарҳангу тарбия!**





**Факултети агрономӣ** аз рӯи 5 ихтисос: 1-740205 агрокимиё ва хокшиносӣ; 1-740201 агрономӣ; 1-740202 селексия ва тухмипарварии зироатҳо; 1-330106 экологияи кишоварзӣ (агроэкология); 1-7402012602 агрономӣ-менеҷмент мутахассис тайёр менамояд, ки ихтисоси 5-ум дар кластери 5 ҷойгир шудааст.

**Факултети агробизнес** аз рӯи 6 ихтисос: 1-490101 таъмини техникии равандҳои нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоии растанӣ; 1-26020309 маркетинг дар комплекси агросаноатӣ; 1-740131 ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ); 1-4901012501 технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ – иқтисодиёт; 1-19030205 технологияи таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти ғизоӣ; 1-54010106 метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (дар комплекси аграрӣ – саноатӣ) мутахассис тайёр менамояд ва дар гурӯҳи ихтисосҳои 1,2 ва 5-ум (кластери 1,2 ва 5) ҷойгир шудааст.

**Факултети баҳисобгирӣ ва молия** аз рӯи 2 ихтисос: 1-25010405 молия дар комплекси агросаноатӣ; 1-25010809 баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар комплекси агросаноатӣ мутахассис тайёр менамояд.

**Факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзӣ** аз рӯи 6 ихтисос: 1-740204 меваю сабзавотпарварӣ; 1-740203 ҳифзи растаниҳо ва карантин; 1-310500 пиллапарварӣ; 1-75010101 илми ҷангалпарварӣ ва ҷангалпарварӣ; 1-750201 бунёди боғу истироҳатгоҳҳо; 1-7402042501 агрономи боғпарвар - иқтисодиёт мутахассис тайёр менамояд.

**Факултети гидромелиоративӣ** аз рӯи 7 ихтисос: 1-70040101 сохтмони гидротехникӣ; 1-560101 заминсозӣ; 1-560201 геодезия; 1-74050105 истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои обӣ; 1-740501 мелиоратсия ва хоҷагии об; 1-7405012602 беҳдошти замин ва менеҷменти хоҷагии об; 1-33020103 география (низомҳои геоиттилоотӣ) мутахассис тайёр менамояд.

**Факултети зооинженерӣ** аз рӯи 6 ихтисос: 1-740301 зоотехния; 1-74060202 таъминоти техникии равандҳои нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти чорводорӣ; 1-74030107 занбӯри асалпарварӣ; 1-74030103 паррандапарварӣ; 1-740303 технологияи парвариши моҳӣ;1-7403012602 зоотехнология — менеҷмент мутахассис тайёр менамояд.

**Факултети иқтисодӣ** аз рӯи 3 ихтисос: 1-25010715 иқтисодиёт ва идора дар комплекси агросаноатӣ; 1-26020207 менеҷменти истеҳсолӣ; 1-25011017 тиҷорат дар комплекси агросаноатӣ мутахассис тайёр менамояд.

**Факултети механиконии кишоварзӣ** аз рӯи 5 ихтисос: 1-740601 таъмини техникии равандҳои истеҳсолоти кишоварзӣ; 1-740602 таъмини техникии равандҳои механикӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; 1-7406050102 баркикунонии кишоварзӣ; 1-7406013601-(2602) муҳандиси мошинсоз – менеҷмент; 1-74060301 ташкил ва технологияи хизматрасонии техникӣ мутахассис тайёр менамояд.

**Факултети тибби ветеринарӣ** аз рӯи 3 ихтисос: 1-7403072 тибби ветеринарӣ-фарматсевт; 1-740302 тибби байторӣ; 1-740304 беҳдошт ва озмоиши ветеринарӣ мутахассис тайёр менамояд.

















**Маблағи таҳсил вобаста ба ихтисосҳои донишгоҳ дар як сол аз 2500 то 6000 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.**